Бани одам аъзои якдигаранд!

آوازتاجیک

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

7 июли соли 2021. Чоршанбе № 53 (14754)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН БО РАИСИ ИҶЛОСИЯИ 75-УМИ АССАМБЛЕЯИ ГЕНЕРАЛИИ СММ ВОХӮРД




**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 6 июл Раиси иҷлосияи 75-уми Асссамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид Волкан Бозкирро, ки аз мамлакати мо боздид менамояд, пазируфт.**

Бинобар масъалаҳои муҳими рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ мубодилаи афкор ба амал омада, пешомади васеъ гардондани ҳамкории бисёрнақшаи Ӯзбекистон бо СММ ва муассисаҳои махсуси он баррасӣ гардид.

Сарвари давлатамон дараҷаи баланди ҳамкории мамлакатро бо институтҳо ва сохторҳои Созмон оид ба чунин самтҳои устувор, мисли муваффақ гардидан ба Мақсадҳои рушди устувор, таъмини амнияти ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, мубориза бар зидди даъват ва таҳдидҳои замонавӣ, аз он ҷумла паси сар намудани оқибатҳои пандемияи коронавирус бо қаноатмандӣ таъкид намуд.

Ӯзбекистон ба сифати узви Шӯрои СММ оид ба ҳуқуқи инсон ташаббусҳои муҳимро фаъолона пеш бурда, дар татбиқи рӯзномаи ҷаҳонӣ дар ин соҳа иштирок мекунад.

Ба ғайр аз ин, дар тӯли солҳои охир бо ташаббуси ҷониби Ӯзбекистон як қатор резолютсияҳои Ассамблеяи Генералӣ оид ба чунин масъалаҳои калидӣ мисли таҳкими ҳамкорӣ дар Осиёи Марказӣ, рушди устувор ва дастгирии сайёҳӣ дар минтақа, маърифат ва кушодадилии динӣ, созмон додани минтақаҳои инноватсия ва технологияҳои экологӣ дар назди Арал коркард ва қабул шуд.

Раиси иҷлосияи ҷории Ассамблеяи Генералии СММ Волкан Бозкир баланд гардидани нуфузи Ӯзбекистонро дар арсаи байналмилалӣ, пеш аз ҳама, дар майдончаи СММ, инчунин аз ҷониби ҷомеаҳои байналмилалӣ васеъ дастгирӣ гардидани ташаббусҳои глобалӣ ва минтақавии пешвои мамлакатамонро алоҳида таъкид намуд.

Дар вохӯрӣ масъалаҳои рушди муносибатҳои шарикӣ оид ба ҷанбаҳои муҳими рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат ва минтақаи Осиёи Марказӣ, баробарии гендерӣ ва дастгирии ҷавонон, аз он ҷумла бинобар хатти парлумонҳо, ҳифзи муҳити зист, таъмини дастрасӣ ба ваксинаҳо ва дигарҳо баррасӣ шуданд.

Ба ғайр аз ин, ба масъалаҳои танзими осоиштаи вазъият дар Афғонистон истода гузаштанд.

Бинобар ҷамъбасти вохӯрӣ оид ба идома додани муколамаи наздик ва самарабахши байни Ӯзбекистон ва институти СММ оид ба самтҳои устувори ҳамкории мутақобилан судманд созиш ба даст омад.

**ӮзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон*

*Нуқтаи назари депутат*

## ВАКСИНАТСИЯ – КАФОЛАТИ ИММУНИТЕТИ ҶАМОАВӢ

***Алҳол аз касе пӯшида нест, ки ваксинатсия ягона чораи пешгирӣ аз касалии коронавирус ва тадбири самарабахштарин алайҳи ин беморӣ мебошад. Миқдори аҳолие, ки ҳоли ҳозир дар кишварҳои олам аз ин ё он хели ваксина бар муқобили коронавирус эм мегиранд, торафт меафзояд. Агар ба рақамҳо муроҷиат кунем, хоҳем дид, ки то имрӯз дар Британияи Кабир 66, дар Италиё 57, дар Олмон ва ИМА 55, дар Фаронса 52, дар Чин ва Туркия тақрибан 43 фоизи аҳолӣ бар алайҳи коронавирус эм карда шудаанд.***

Яъне ҳоло ваксинатсия воситаи беҳтарини ҳифз аз бемории коронавирус ба шумор меравад. Мутаассифона, баъзан дар шабакаҳои иҷтимоӣ дар бораи ин ҷараён ба танқидҳои ғаразнок рӯ ба рӯ мешавем. Гӯё ваксинатсия самарае намедода бошад. Ин гуна даъвоҳо асосе надоранд ва заминаи воқеияташон нест. Аслан ин гуфтаҳо бофтаи баъзе касонест, ки онро бинобар асоратҳои муваққатии баъди ваксинатсия иброз доштаанд. Шубҳае нест, ки чун ҳамаи доруву дармонҳо ваксина низ дорои таъсири ба худ хос мебошад. Аммо аз он ки ба ин дард мубтало шуда азият кашем, оё аз асоратҳои муваққатии эмкунӣ ранҷ бурдан хубтар нест?

Дар Ӯзбекистон низ тӯли 3 моҳи охир тақрибан 700 ҳазор нафар (2 фоизи аҳолӣ) бар алайҳи COVID эм карда шуданд. Мувофиқи маълумоти Вазорати нигаҳдории тандурустӣ имрӯз ҷамъулҷамъ 7,4 миллион доза (аз он 6,5 миллионаш ваксинаи хитоиву ӯзбекистонии ZF UzVAC 2001, 660 ҳазор донааш ваксинаи AstraZeneca ва 240 ҳазор донааш ваксинаи «Спутник V») ба кишварамон оварда шудааст. Барои эмкунӣ бо курси пурраи ZF UzVAC 2001 се доза, барои эмкунӣ бо ваксинаҳои дигар ду доза зарур мебошад.

Қадамҳои аввалин барои ваксинатсия айни муддао мебошанд. Вале бояд эътироф кард, ки нақшаҳои эмкунӣ дар ҷумҳурӣ сари вақт иҷро намешаванд. Ҳол он ки Созмони нигаҳдории тандурустии ҷаҳон эмкуниро барои бар зидди касалӣ иммунитети ҷамоавии аҳолиро ташаккул додан зарур меҳисобад. Барои ташаккул додани иммунитети ҷамоавӣ бошад, таъкид мегардад, ки бояд на камтар аз 60-70 фоизи аҳолӣ эм карда шавад.

Аз ин рӯ сӯзандору гирифтани ҳамватанони мо ба манфиати умум бағоят муҳим мебошад. Ин ҷараён ҳар қадар тез гузарад, ҳамон қадар хуб аст. Худи ман ба сифати шахсе, ки бо ваксинаи «Спутник V» эм шудааст, ҳамдиёронамонро ба гирифтани ваксина даъват менамоям. Зеро эмкунӣ, воқеан роҳи ягонаи ташаккул додани иммунитети ҷамоавӣ бар муқобили коронавирус аст.

**Қодир ҶӮРАЕВ, депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис, муовини роҳбари фраксияи ҲСД «Адолат».**

## ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН НАХУСТИН ПРЕЗИДЕНТИ ҚАЗОҚИСТОНРО ТАБРИК КАРД

***Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 6 июл бо Нахустин Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон — Элбошӣ Нурсултон Назарбоев мулоқоти телефонӣ анҷом дод.***

Сарвари давлати мо Элбоширо бо зодрӯзаш самимона табрик намуда, ба ӯ саломатии бардавом, сарбаландӣ ва комёбиҳои азим, инчунин ба халқи бародари Қазоқистон сулҳ ва шукуфоӣ таманно намуд.

Нақши махсуси Нурсултон Назарбоев дар ташаккули Қазоқистони замонавӣ ва баланд бардоштани нуфузи кишвар дар арсаи байналмилалӣ, саҳми бузурги ӯ дар таҳкими муносибатҳои ҳамсоягии нек, шарикии стратегии Ӯзбекистон ва Қазоқистон, инчунин таъмини субот ва рушди устувор дар минтақа таъкид гардид.

Масъалаҳои мубрами ҳамкории гуногунҷанбаи Ӯзбекистон ва Қазоқистон баррасӣ шуданд. Аҳамияти пешбурди минбаъдаи лоиҳаҳои афзалиятнок дар соҳаҳои савдо, саноат, кишоварзӣ, нақлиёт ва логистика, сайёҳӣ, барномаҳои муштарак дар соҳаи фарҳангию гуманитарӣ таъкид гардид.

Инчунин оид ба рӯзномаи минтақавӣ, пеш аз ҳама дар ҷанбаи шиддат гирифтани вазъ дар Афғонистон мубодилаи афкор ба амал омад.

Ҷадвали чорабиниҳои дарпешистодаи ду ва бисёрҷониба, аз ҷумла баргузории Мулоқоти навбатии машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки Раиси фахрии он Нахустин Президенти Қазоқистон мебошад, баррасӣ шуд.

Суҳбати роҳбарони ду кишвари бародар дар фазои анъанавӣ гарм, эътимодомез ва дӯстона гузашт.

**ӮзА.**

***18 майи соли 2021 модари танҳо Шоирахон Ҷалилова аз вилояти Андиҷон аз тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ барои кӯмак ба Раиси Сенати Олий Маҷлис Т.Норбоева муроҷиат кард.***

## БА ШАРОФАТИ СЕНАТОР ДАР ВИЛОЯТИ АНДИҶОН БА СОХТМОНИ ХОНАИ ЗАНИ НИЁЗМАНД КӮМАКИ АМАЛӢ РАСОНИДА ШУД

Шаҳрванд Ш.Ҷалилова дар муроҷиати худ менависад, ки инак 10 сол боз дар хонаи иҷоравӣ зиндагӣ дорад. Барои он ки дар хонаи худӣ зисту зиндагӣ кунад, модараш ба ӯ 0,04 гектар заминро аз қитъаи наздиҳавлигиаш, ки он ҷо таваллуд шуда, ба воя расидаасту дар ноҳияи Избоскан ҷойгир мебошад, ҷудо кард.

Вале бинобар он ки барои бунёди хонаи хурди дуҳуҷрадор маблағ ва имконият надорад, кӯмаки моддӣ мепурсад. Мувофиқи муроҷиати ӯ барои омӯхтани вазъият ва расондани кӯмаки амалӣ сенатор М.Ғаниева бо намояндаи комиссияи «Халқпарвар»-и ноҳияи Избоскан ба хонаи Ш.Ҷалилова рафт. Сенатор тамоми масъалаҳоро бо ӯ ва модараш муҳокима карда, онро таҳти назорат гирифт.

Дар натиҷа ба Ш.Ҷалилова аз ҳисоби ҳокимияти ноҳияи Избоскан ва васоятгарон 4 тонна симон, 40 дона шифер, 3 мошин шағал расонда шуд.

Ҳоли ҳозир корҳои сохтмон оғоз ёфтанд.

**Хидмати ахбори Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон.**

## БА ДАВРАИ НАВБАТИИ МАШВАРАТ-ТРЕНИНГҲО ИБТИДО ГУЗОШТА ШУД

***Аз 12 июл то 8 август соли равон давраи дуюми семинар-машваратҳо, ки дар пояи Консепсияи таълими аъзои комиссияи интихобот андешида шуда, аз ҷониби Комиссияи марказии интихоботӣ тасдиқ гардидааст, кори худро оғоз кард. Барои таъмин сохтани тайёрии пухта ба бозомӯзонии давраи мазкур 5-6 июл аз ҷониби коршиносони Академияи идораи давлатӣ (АИД) ва Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Тошканд машварат ва тренингҳо оид ба технологияи ба роҳ мондани машқҳои таълимӣ дар пояи кейсҳои муайян гузаронида мешавад.***

Мақсади машварат-тренинг зиёд кардани дониш ва саводи мураббиёни ҷумҳуриявиву минтақавие ба шумор меравад, ки ба таълими номзадҳо ба аъзои комиссияҳои интихоботӣ, ки созмондиҳандагони асосии ҷараёни интихоботӣ маҳсуб мeёбанд, ҳамчунин гурӯҳҳое, ки барои ба онҳо расондани кӯмакҳои услубӣ ва мониторинги сифати баланд бардоштани ихтисос дар минтақаҳо номзад мебошанд, ҷалб карда шудаанд.

Машварат-тренинг дар пояи барномаи таълимие, ки аз ҷониби гурӯҳи коршиносони Академияи идораи давлатӣ ва Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Тошканд коркард шудааст ва маводи таълимие, ки дар асоси он омода гардидааст, гузаронида мешавад.

Хотиррасон менамоем, ки аз 7 то 23 июни соли ҷорӣ дар машваратҳои ноҳиявӣ (шаҳрӣ) барои иштирокдорони интихобот дар тамоми минтақаҳои мамлакат 32715 нафар номзад ба вазифаҳои раисон, муовини раисон ва котибони комиссияҳо таълим гирифтанд.

Дар давраи дуюми машварат-тренинг баланд бардоштани дониш ва саводи беш аз 32000 номзад ба вазифаҳои раис, муовини раис ва котибони комиссияи интихоботии қитъавӣ дар асоси нақша-ҷадвал пешбинӣ гардидааст.

Ғайр аз ин, барилоаи он контингенти асосии мураббиёни ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ ташкил намудани курсҳои таълимӣ дар шаклҳои мухталиф барои раисони беш аз 9 ҳазор ҷамъомадҳои ноҳиявии шаҳрвандон, зиёда аз 9 ҳазор таҳлилгарон, беш аз 54 ҳазор мушоҳидони ҳизбҳои сиёсӣ пешбинӣ мегардад. Ҳамин тариқ фарогирии умумии чунин тренингҳо зиёда аз 240 ҳазор нафарро ташкил медиҳад.

**Хидмати матбуоти Комиссияи марказии интихоботӣ.**

## РАИСИ СЕНАТИ ОЛИЙ МАҶЛИС БО РАИСИ ИҶЛОСИЯИ 75-УМИ АССАМБЛЕЯИ ГЕНЕРАЛИИ СММ ВОХӮРД

***6 июни соли 2021 раиси Сенати Олий Маҷлис Танзила Норбоева бо Раиси иҷлосияи 75-уми Ассамблеяи генералии СММ Волкан Бозкир мулоқот кард.***

Дар ҷараёни суҳбат ҳолат ва пешомадҳои ҳамкории Ӯзбекистон бо СММ баррасӣ шуданд.

Аз ҷумла, кишвари мо ба рушди ҳамкорӣ бо СММ эътибори махсус медиҳад ва чораҳои дахлдор меандешад.

Дар ҷараёни вохӯрӣ дар бораи корҳое, ки бинобар муваффақ шудан ба Ҳадафҳои рушди устувори СММ амалӣ гардидаанд, маълумот дода шуд.

Чунончи, қайд гардид, ки бобати назорати татбиқшавии мақсад ва вазифаҳои миллӣ дар соҳаи рушди устувори Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар даврони то соли 2030-юм, Шӯрои ҷумҳуриявӣ оид ба соатҳои парлумонӣ ва ҷамъиятӣ, рейтинг ва индексҳои байналхалқӣ Комиссияи парлумонӣ таъсис ёфт.

Ғайр аз ин 23-24 июни соли равон дар Бухоро анҷумани байналхалқии «Ҳамкории ҷаҳонии байнипарлумонӣ бобати татбиқ сохтани Ҳадафҳои рушди устувор» баргузор шуд. Анҷумани мазкур бобати баррасӣ ва коркарди баённомаи махсус доир ба баланд бардоштани нақши парлумонҳо барои муваффақ шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор ва таъмин кардани ҳуқуқи инсон нақши муҳим бозид. Дар анҷуман Баённомаи Бухоро қабул карда шуд.

Раиси Ассамблеяи генералии СММ Волкан Бозкир ба дигаргуниҳое, ки дар соҳаи сохтори давлатӣ ва ҷамъияти Ӯзбекистон, озодкунии иқтисодиёт, баланд бардоштани иқлими сармоявӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон татбиқ мегарданд, баҳои баланд дод.

Дар ҷараёни мулоқот ҷонибҳо сиёсати ҷавононро дар мамлакат, ҷараёни иҷрошавии Конвенсия дар бораи ҳуқуқи ногироён, масъалаи таъмин сохтани баробарии гендериро муҳокима карданд, ҳамчунин муваффақиятҳои ин соҳа, аз ҷумла тасдиқ гардидани Стратегияи муваффақшавии баробарии гендериро дар Ӯзбекистон то соли 2030-юм таъкид намуданд.

Ҷонибҳо изҳор доштанд, ки ба минбаъд амиқсозии ҳамкорӣ ва амали тарафайн тайёранд, онҳо вобаста ба масъалаҳое, ки барои ҳар ду тараф муҳим мебошанд, мубодилаи афкор карданд. Дар бораи идома додани мулоқоти мунтазам, таҳкими робитаҳои байнипарлумонӣ ба мувофиқа омаданд.

**ӮзА.**

## РАИСИ МАҲАЛЛА – ИСЛОҲОТГАР

*Маҳалла чеҳраи равшани ҷомеа ва оинаи виҷдони он аст.*

***Шавкат МИРЗИЁЕВ***

Шаҳру ноҳияҳои вилояти Намангон дар солҳои охир хеле рӯ ба ободиву зебоӣ овардааст. Бунёди иншооти зиёди маъмурӣ, арзи вуҷуд намудани иморатҳои наву замонавии истиқоматӣ, равон шудани роҳҳои дохилӣ, бозсозии зиёратгоҳҳо, коҳиши камбизоатӣ дар байни аҳолӣ, таъмин ба ҷои шуғл ва амсоли он аз иҷрои корҳои азиме мебошанд, ки дар вилояти Намангон муддати чаҳор-панҷ соли охир ба вуқӯъ пайвастаанд.

Дар сафари матбуотие, ки бо ибтикори Вазорати маҳалла ва дастгирии оилаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба вилояти Намангон ташкил шуд, дар ин раванд маҳз нақши раисону фаъолони ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаҳо хеле муҳим арзёбӣ гардид. Журналистони маҳалливу хориҷӣ ва блогнависон баъди суҳбату мулоқотҳо итминон ҳосил намуданд, ки домани ислоҳоти амиқ дар ин вилоят самтҳои гуногуни хоҷагии халқро фаро гирифтааст.

– Дар ҷумҳурии мо 9051 маҳалла мавҷуд аст. Аз ин шумор дар вилояти Намангон 776 ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳо фаъолият мекунанд. Ба ин ҷамоатҳои шаҳрвандон ба сифати вакил 636 ходими бонкҳои тиҷоратӣ ва роҳбари идораҳои иқтисодӣ вобаста карда шудаанд. То кунун беш аз 500 хонавода мавриди омӯзиш қарор гирифтааст ва ҳудуди 88 дарсади мушкилоту муаммоҳои аъзои ин хонаводаҳо ҳаллу фасл гардиданд, – гуфт котиби матбуоти Вазорати маҳалла ва дастгирии аз оила Саодат Бойназарова. Рӯзмарра теъдоди хонаводаҳои камбизоат коҳиш меёбанд ва дар байни аҳолӣ ҷудошавиҳо низ кам шуда мераванд.

Боздиди мо аз фаъолияти ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи “Панҷсад”-и ноҳияи Чуст оғоз гардид. Аҳолии он 5 ҳазору 245 нафарро ташкил намуда, қисмати аъзами онро тоҷиктаборон ташкил медиҳанд. Дар ин ҷо панҷ садаи калон рӯида, бо мурури замон маҳалла низ “Панҷсада” ном гирифтааст. Дар долони бинои ҷамоат маҳсулоти ҳунармандони маҳалла, аз қабили корд ва тоқиҳо, кӯрпаву кӯрпачаҳо, пойафзорҳо, кафшу маҳсиҳо, маҳсулоти оҳангарӣ ва монанди он дар маъразӣ тамошо қарор дошт.

– Дар маҳаллаи мо татбиқи 15 лоиҳа бо маблағи 6 миллиарду 230 миллион сӯм барномарезӣ шуд. Татбиқи ин лоиҳаҳо имкон фароҳам овард, ки 286 нафар сокинони маҳаллаи мо ба кори доимӣ таъмин шаванд. Аз ин шумор ҳоло дар 95 дарсади он корҳои сохтумонӣ ба анҷом расид,– гуфт раиси маҳаллаи “Панҷсада” Собитхон Хӯҷаев. – Кори савоби дигаре, ки дар радифи вазифаашон ин ҷо роҳандозӣ карданд, ба омӯзиши забонҳои англисӣ ва русӣ фаро гирифтани 10 нафар кӯдаконе мебошад, ки парасторони худро аз даст додаанд ва ё фарзандони аҳолии камбизоати маҳалла маҳсуб меёбанд. Синни ин наврасон аз 11 то 15-соларо ташкил мекунад. Ҳақи устодони ин наврасон пурра маҳалла мепардозад.

Ба гуфтаи раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи “Панҷсада” дар маҳалла як гурӯҳ занону духтарон ба кори дӯзандагӣ ҷалб карда шуданд. Онҳоро соҳибкорзани маҳалла Муаззам Аббосхӯҷаева гирдиҳам овард ва ба кор таъмин кард.

Ин корхонаи хусусии дӯзандагӣ моҳи майи соли равон фаъолияти худро ба роҳ мондааст. Бо вуҷуди ин, аллакай маҳсулоти он харидорони худро пайдо кардааст. Соҳиби сехи дӯзандагӣ Муаззам Аббосхӯҷаеваро ба сӯҳбат кашидем.

– Дар сехи мо 20 нафар занону духтарон кор мекунанд. Онҳо аз зумраи шахсоне маҳсуб меёбанд, ки дар дафтарҳои занон ва ҷавонони маҳалла сабт ёфтаанд, аммо дар айни ҳол аз сафи бекорон хориҷ шудаву ба кор таъмин гардидаанд. Нони чоштро дар ҳамин ҷо тановул мекунанд. Аз 800 ҳазор то 1 миллион сӯм маош мегиранд, – гуфт Муаззам Аббосхӯҷаева.

(Давомаш дар саҳ.2).

# ҲАРБИЁНИ МО БО ИШТИРОКИ АВВАЛИНИ ХУД ДАР ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН ОИД БА ТРИАТЛОН БА НАТИҶАИ ИФТИХОРӢ МУВАФФАҚ ШУДАНД

***Мувофиқи нақшаи тақвимии Шӯрои байналхалқии варзиши ҳарбӣ (CISM) 3-4 июли соли 2021 дар шаҳри Лансаротеи Испания чемпионати 22-юми ҷаҳон дар байни хидматчиёни ҳарбӣ оид ба триатлон баргузор гардид. Триатлон дар худ навъҳои шиноварӣ, велосипедронӣ ва давиданро муҷассам кардааст.***

Дар ин мусобиқаи бонуфуз аз 14 мамлакати ҷаҳон 154 нафар триатлончиҳои пурқуввату номдор барои ғолибият талош варзиданд.

Мувофиқи шарти мусобиқа иштирокдорон бояд 4 километр масофаро дар об шино карда, 180 километрро бо велосипед гузашта, 42 километру 195 метр масофаро бо давидан тай мекарданд.

Дар ин мусобиқае, ки навъи хеле мураккаби варзиш ба шумор меравад, ҳазорҳо варзишгарони тоифаҳои байналхалқӣ нирӯи худро санҷиданд. Дастаи яккачини Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар таърихи шӯрои варзиши байналхалқии ҳарбӣ (CISM) бори аввал иштирок карда бошад ҳам, дар талошҳои шавқовар нирӯ ва иродаи худро барои ғалаба зоҳир намуда, дар ҳисоби ҷамоавӣ баъд аз намояндагони Федератсияи Русия ҷойи дуюмро ишғол кард.

Ҳамватанамон, намояндаи Қувваҳои Мусаллаҳ, хизматчии ҳарбии шартномавӣ Алина Ҳакимова дар байни тамоми иштирокдорон сазовори ҷойи дуюм шуд, дар байни варзишгарони аз 18 то 24-сола бошад, ҷойи аввалро ба даст овард. Ҳамчунин Алина ба чемпионати ҷаҳон оид ба триатлон, ки моҳи октябри соли равон дар шаҳри Кона (ИМА) баргузор мегардад, барои иштирок роҳхат гирифт.

Намояндагони дастаи яккачини мо аз варзишгарони кишварҳои оид ба триатлон машҳури дунё, аз ҷумла Испания, Фаронса, Олмон, Белгия, Венгрия пеш гузаштанд.

Варзишгаронамон бо кӯмаки Федератсияи триатлони Ӯзбекистон ва мураббиёни ботаҷрибаи маркази варзиши Вазорати мудофиа ба мусобиқа тайёрии ҷиддӣ дида буданд. Намояндагони аз шароитҳои фароҳамовардашуда бомуваффақият истифода бурдаи мо аз ҳар ҷониб обутоб ёфтанд ва бо натиҷаҳои ҳангоми мусобиқа бадастовардаи худ ба эътимод ва эътибори нисбати онҳо зоҳиргардида ҷавоби муносиб доданд.

Бояд таъкид кард, ки дар ин мусобиқаи бонуфуз аз байни кишварҳои Осиё танҳо дастаи яккачини Ӯзбекистон иштирок кард. Бешубҳа, шартҳои мусобиқа осон набуданд, бинобар ин дар он аз ҳар давраи мураккаб бо комёбӣ гузаштан худ як ғалаба буд.

6 июл намояндагони дар ин мусобиқаи бонуфуз ба комёбии баланд ноилгардидаи моро дар Фурудгоҳи байналхалқии ба номи Ислом Каримови Тошканд таҳти садоҳои мусиқии оркестри ҳарбӣ ба тарзи тантанавӣ пешвоз гирифтанд. Дар маросим мутасаддиёни варзиши мамлакат, хешу ақрабои хидматчиёни ҳарбӣ ва варзишгарон иштирок карданд.

**ЎзА.**

# БИЗНЕС-ФОРУМИ НОРИН ДОМАНИ ҲАМКОРИҲОРО ФАРОХТАР МЕСОЗАД

***Як гурӯҳ соҳибкорони вилояти Фарғона таҳти роҳбарии ҷонишини ҳокими вилоят Иқболҷон Эргашев ба вилояти Норини Ҷумҳурии Қирғизистон ташриф оварданд.***

Дар ин ҷо бизнес-форум баргузор гардид ва соҳибкорони ду вилоят барои ба роҳ мондани ҳамкориҳои дарозмуддат шартномаҳо ба имзо расониданд.

Дар ин бора дафтари матбуоти ҳокимияти вилояти Фарғона хабар медиҳад. Гуфта мешавад, ки қимати умумии се шартномаи ҳамкорӣ 3,48 миллион доллари амрико мебошад. Маҳсулоти содиротии фарғонагиҳоро кӯчати ниҳолҳо ва велосипед ташкил мекунад. Аз вилояти Норин ба вилояти Фарғона 50 ҳазор тонна гӯшт, 60 ҳазор тонна картошка интиқол дода мешавад.

Ҳамчунин мувофиқи шартномаи тарафайн Ҷамъияти саҳҳомии масъулияташ маҳдуди "Чарм тӯп келажаги"-и шаҳри Фарғона маҳсулоти худро дар даҳ дӯконе ба фурӯш хоҳад расонд, ки дар масири Ӯш-Норин воқеъ гаштаанд.

– Ташрифи мо ба вилояти Норин ва гуфтушуниду музокираҳо ҳатман самараҳои хуби худро ба бор хоҳанд овард. Албатта, ҳар гуна ҳамкорӣ дар мустаҳкам шудани иқтисодиёт нақши муҳим мебозад, – мегӯяд ҷонишини ҳокими вилояти Фарғона Иқболҷон Эргашев.

Интизор меравад, ки ташрифҳои тарафайн ва баргузор намудани бизнес-форуми байни соҳибкорони вилоятҳои Фарғона ва Норин шакли анъанавиро касб хоҳад кард.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири "Овози тоҷик".**
Вилояти ФАРҒОНА.

# МАСЪАЛАҲОИ ТАШКИЛ ВА БАРГУЗОР НАМУДАНИ ОЗМУН-АЗНАЗАРГУЗАРОНИИ ҶУМҲУРИЯВӢ «БЕҲТАРИН ТАШАББУСИ ИҶТИМОӢ» МУҲОКИМА ГАРДИДАНД

***Имрӯз, 6 июл ҷамъомади Комиссияи ҷумҳуриявӣ оид ба ташкил ва баргузор намудани озмун-азназаргузаронии ҷумҳуриявии «Беҳтарин ташаббуси иҷтимоӣ» баргузор шуд. Дар он сенаторон, аъзои Комиссия ва Шӯрои коршиносӣ, мудирони котибияти раисони комиссияҳои доимӣ оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоиву маданӣ, оила, занон ва ҷавонони Жокарги Кенеси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, шӯроҳои депутатҳои халқии вилоятӣ ва шаҳри Тошканд, ҳамчунин вакилони расонаҳои ахбори оммавӣ ширкат ҷустанд.***

Қайд гардид, ки мувофиқи Қарори Шӯрои Сенати Олий Маҷлис аз 22 апрели соли 2021 «Дар бораи озмунҳое, ки аз ҷониби кумитаҳои Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон гузаронида мешаванд» баргузор кардани озмуни ҳарсолаи ҷумҳуриявии «Беҳтарин ташаббуси иҷтимоӣ» муайян ва ҳайати Комиссияи ҷумҳуриявӣ бинобар гузаронидани он, Дастур дар бораи озмун тасдиқ карда шуда буд.

Дар озмун метавонанд ҳокимиятҳои ноҳиявӣ (шаҳрӣ), мақомоти идораи давлатӣ, созмонҳои ғайриҳукуматӣ, ашхоси ҳуқуқӣ, ашхоси ҷисмонӣ, ки дар дастгирӣ намудани ташаббусҳои иҷтимоӣ ба натиҷаҳои баланд ноил гардидаанд, баҳри рушди ҷамъият ташаббус зоҳир намудаанд, табақаҳои ба ҳимоя эҳтиёҷманди аҳолиро дастгирӣ кардаанд, аз ҷумла дар таълими касбии ҷавонон, бошуғл таъмин кардани онҳо, ҳамчунин беҳтар намудани инфрасохтори муассисаҳои соҳаи иҷтимоӣ фаъолона иштирок кардаанд, ширкат варзанд.

Мувофиқи Дастур озмун-азназаргузаронӣ дар се давра тӯли моҳои июл-ноябри ҳар сол гузаронида мешавад.

Мақсад аз гузаронидани озмуни мазкур дастгирӣ намудани ташаббусҳоест, ки ба ҳаллу фасли бомуваффақияти мушкилоти иҷтимоии ҳудудҳо ва рушди ташаббусҳои иҷтимоӣ дар ҷамъият, аз тариқи ташаббусҳои иҷтимоӣ дастгирӣ кардани табақаҳои аҳолии ба ҳифзи иҷтимоӣ муҳтоҷ, туфайли ташаббусҳои иҷтимоӣ беҳтар сохтани инфрасохтори муассисаҳои соҳаҳои иҷтимоии ҳудудҳо нигаронда шудааст.

Озмун дар 3 давра гузаронида мешавад. Комиссияи ҷумҳуриявӣ иштирокдорони беҳтаринро муайян мекунад.

Ғайр аз ин дар ҷамъомад як қатор масъалаҳои ташкилӣ баррасӣ ва таклифу тавсияҳои дахлдор бинобар баргузор кардани озмун-азназаргузаронӣ дар сатҳи баланд иброз гардиданд.

**Хидмати ахбори**
**Сенати Олий Маҷлиси**
**Ҷумҳурии Ӯзбекистон.**

(Аввалаш дар саҳ.1).

# РАИСИ МАҲАЛЛА – ИСЛОҲОТГАР



Муштариёни "Овози тоҷик" огаҳанд, ки 18-19 феврали соли равон сарвари давлат зимни ташрифи корӣ ба вилояти Наманган ба таври ногаҳонӣ аз маҳаллаи "Бунёдкор"-и ин шаҳр боздид намуд. Шавкат Мирзиёев аз кори инфрасохторҳо ибрози норизоӣ кард ва бо шеваи шадид набудани оби ошомиданӣ, барқ, газ ва ноҳамвории роҳҳои автомобилгардро интиқод намуд. Баъд ба роҳбарияти вилояти Наманган дастур дод, ки барои мардуми ин маҳалла шароити созгор фароҳам оварад.

Рӯзи ташрифи журналистону блогнависон корҳои бозсозӣ, тармим ва бунёд намудани иншоотҳои лозимӣ дар ин маҳалла бо ҷӯшу хурӯш идома дошт. Як тараф ба роҳҳо регу шағал мерехтанд ва онро мумфарш мекарданд. Як гурӯҳ ба хобонидани обравҳои шафати роҳи калон машғул буданд. То ин замон ҳудуди 35 километр роҳи дохилӣ шағалпӯш ва 350 метри он мумфарш гардидааст.

Кормандони идораи барқ ба симчӯбҳои нав хати барқ мекашиданд. Як гурӯҳ тавассути экскаваторҳо ба кандани хандақ шуғл меварзиданд, то ки лӯлаҳои об кашида шаванд ва мардум бо оби ошомиданӣ таъмин гардад. Аксари хонаводаҳои ин маҳалла аз балонҳои гази моеъшуда ба таври фаровон истифода мекарданд.

Дар ҷамоати маҳаллаи "Бунёдкор" 12 ҳазору 883 нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунад. Масоҳати умумии он 3 ҳазор гектар мебошад. Аз шумори умумии аҳолии "Бунёдкор" 251 нафар ба "дафтари оҳанин", 118 нафар ба "дафтари занҳо" ва 74 нафар ба "дафтари ҷавонон" шомил шудаанд.

– Баъди ташрифи Президенти мамлакат дар маҳаллаи "Бунёдкор" дигаргуниҳои куллӣ рух медиҳанд. Ба таври мисол, бо аъзои 2 ҳазору 900 хонавода мулоқот сурат гирифт. Намояндагони идораҳои марбута дарду ҳасрати онҳоро шуниданд ва муаммоҳояшонро мавриди тадқиқ қарор доданд. 158 хонаи мардум аз роҳи ҳашар тармим карда шуд. Дар ин маҳалла 17 ҳазору 160 дона дарахтони гуногуни меваддиҳандаву манзаравӣ шинонда шуд, – мегӯяд ноиби ҳокими ноҳияи Намангони нав Обидҷон Дадашев.

Гуфта шуд, ки бо кӯмаки ҳомиён ба 118 сокини "Бунёдкор" дастгоҳи дӯзандагӣ, ба 69 нафар дастгоҳҳои пухтупази "Аделл" ва "Артел" тақдим гардид. 59 нафар соҳиби моли шохдор гардиданд.

– Одамони зиёд аз бебарқӣ азият мекашиданд, барои ҳамин 3-то трансформатори нав насб гардид ва 20 трансформатори кӯҳна аз таъмир баромад. Бо насби 476 дона симчӯби нави симинтӣ ва кашидани хати барқ ин мушкилоти мардуми маҳалла куллан рафъ гардид. Гузашта аз ин, тавассути мошинҳои обкашонӣ 16 ҳазор аҳолии маҳаллаи "Бунёдкор" бо оби тозаи ошомиданӣ таъмин гардиданд. Ин кор то хатми кашидани лӯлаи интиқоли оби тоза ба масофаи 50,3 километр давом хоҳад кард,– тазаккур дод Обидҷон Дадашев.

Маълум шуд, ки дар маҳаллаи "Бунёдкор" барои таъсиси минтақаи хурди саноатӣ майдон ҷудо кардаанд ва лоиҳаҳои зиёдро мавриди татбиқ қарор додаанд. Раис ва фаъолони ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи "Бунёдкор" ба бинои наву замонавӣ соҳиб гардиданд. Ин бино бо тамоми ашё ва маводи лозимӣ муҷаҳҳаз гардидааст.

Дар ин муддат маскани нави фарҳангӣ қомат афрохта, китобхонаи он ба ҷои дӯстдоштаи ҷавонон табдил ёфтааст. Дар ин бино шӯъбаи минтақавии идораи хизматҳои давлатӣ низ ба кор шурӯъ намудааст, то ки мардуми "Бунёдкор" ва деҳоти атрофи он барои гирифтани маълумотнома ё ҳуҷҷатҳои дигари зарурӣ ба маркази ноҳия ва вилоят овора нашаванд.

Дар бинои нави муассисаи таълими томактабӣ, ки ба наздикӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтааст, 150 нафар фарзандони ин маҳалла ба таълиму тарбия фаро хонда шудаанд. Ин бино ба ҳусни маҳалла ҳусни тоза зам намудааст.

– Як гурӯҳ занону духтарони маҳаллаи "Бунёдкор" барои идомаи таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ соҳиби тавсияномаҳо шудаанд. Онҳо аз хонаводаҳоеанд, ки барои идомаи таҳсил шароити иқтисодиашон мусоидат наменамояд, аммо баъди ташрифи сарвари давлат ин масъала низ куллан ҳаллу фасл гардид.

– Ман аз хурдӣ мехостам, ки муаллима ё тарбиячӣ шавам. Ҳоло дар хонаи меҳрубонии рақами 26 ба ҳайси тарбиячӣ кор мекунам. Акнун имкон даст хоҳад дод, ки таҳсиламро давом диҳам ва маълумотамро олӣ кунам. Барои ин ғамхорӣ ба сарвари давлатамон миннатдорӣ баён мекунам,– мегӯяд бо хушҳолӣ сокини "Бунёдкор" Дилдора Бегматова.

Сафари матбуотии мо аз маҳаллаи "Бунёдкор"-и ноҳияи Намангони нав ба самти ноҳияи Давлатобод идома кард. Севуним моҳ муқаддам дар маркази ин ноҳия маскани зиёи ҷавонон – "Ӯзбекистони нав" ифтитоҳ ёфтааст. Ин бино аз се ошёна иборат мебошад.

Ошёнаи аввал ҷои баргузории ҷамъомадҳо, нишастҳои матбуотӣ, ба роҳ мондани намоиши либосҳост. Суҳбату мулоқоти имом-хатибон, отунбибиҳо ва одамони рӯзгордида бо ҷавонони маҳаллаҳо, ки дар арафаи издивоҷ қарор доранд, маҳз дар ҳамин ошёна ба вуқӯъ мепайвандад. Дар як гӯшаи он майдончаи кӯдакон ташкил шудааст. Он ҷо кӯдакони аз 5 то 12-сола донишу маҳорати худро дар соҳаҳои гуногун, рассомӣ, мусиқа ва амсоли он ривоҷу равнақ медиҳанд.

Ошёнаи дуюм вазифаи китобхонаро адо мекунад. Дар ин ҷо бештар аз 30 ҳазор адад китобҳои бадеӣ, илмӣ, дарсӣ гирдоварӣ шудааст. Гуфта мешавад, ки то охири сол теъдоди китобҳо ба 100 ҳазор адад хоҳад расид. Ин китобхона дар як вақт ба 1 ҳазору 200 нафар хизмат расонида метавонад.

Ошёнаи сеюм бо технологияҳои наву замонавӣ муҷаҳҳаз мебошад. Ҷавонони маҳаллаҳои гуногун ин ҷо ғайр аз он ки забонҳои хориҷӣ меомӯзанд, бо ҳам мулоқот мекунанд ва дониши гирифтаашонро такмил медиҳанд, аз компутерҳо низ фаровон истифода мекунанд.

Ҳамон рӯз раисони маҳаллаҳои ноҳия дар ин бинои мӯҳташам семинар мегузарониданд. Онҳо таҷриба иваз менамуданд, бо масъалаи ҳуҷҷатнигорӣ аз наздик ошно мешуданд. Ин ҷо боз роҳу усулҳои роҳандозии чорабиниҳои гуногун матраҳ мегардид, ки бештар хоси ҷавонон мебошад.

Дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи "Даштбоғ"-и шаҳри Наманган моро Музаффар Аҳмадҷонови 23-сола истиқбол гирифт. Вай раиси ҷавонтарини ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳои ҷумҳуриамон маҳсуб меёбад. Музаффар гуфт, ки дар маҳалла 4 ҳазору 700 нафар зиндагӣ мекунанд ва аз нисф зиёди онҳоро ҷавонон ташкил менамоянд. Барои тафреҳ, хуш гузаронидани вақт, шуғл ба корҳои фоиданок шароити хуб фароҳам оварда шудааст.

– Роҳҳои маҳаллаамон мумфарш карда шудаанд. Дар қаламрави маҳалла 81 субъекти бизнеси хурд фаъолият мекунанд. Аз он 35-тояшро корхонаҳои саноатӣ, 40-торо нуқтаҳои савдову хӯроквории умумӣ ва 6-торо муассисаҳои дигар ташкил менамоянд, – мегӯяд Музаффар Аҳмадҷонов.

– Чанд фоизи аҳолии маҳаллаи шуморо одамони ба ҳимояи иҷтимоӣ ниёзманд ташкил мекунад? – пурсидам аз раиси маҳалла.

– Дар айни ҳол 15 чунин хонавода ба қайд гирифта шудааст. Шояд ба наздикӣ ҳамаи онҳо аз феҳрасти оилаҳои ниёзманд хориҷ карда шаванд, зеро аъзои ин хонаводаҳо низ ба кор фаро гирифта хоҳанд шуд, – посух дод Музаффар Аҳмадҷонов.

Раиси ҷамоат боз тазаккур дод, ки аҳолии "Даштбоғ" пурра бо оби тозаи ошомиданӣ таъмин мебошад. Дар қаламрави ин маҳалла 2 мактаби таълимоти умумӣ, 2 муассисаи таълими томактабӣ, 2 шифохонаи давлатӣ ва 6 шифохонаи хусусӣ фаъолият мекунанд.

Ёдовар мешавем, ки сарвари давлат зимни ташриф ба вилояти Наманган маҳз аз кору фаъолияти ин ҷавон хеле ба ваҷд омадаву қаноат ҳосил намуд. Сарвари давлат баъди мулоқот бо ӯ ба иштирокчиёни ҷамъомади фаълони вилоят "Ман раиси маҳалларо дар тимсоли ҳамин Музаффар Аҳмадҷонов мебинам", гӯён хитоб кард. Ба наздикӣ Музаффар Аҳмадҷонов бо фармони Президенти мамлакат бо медали "Келажак бунёдкори" сазовор дониста шуд.

– Ин мукофот масъулияти маро ба ҳайси раиси маҳалла дучанд намуд. Минбаъд маро лозим меояд, ки бештар меҳнат кунам ва ба чунин боварии Президенти мамлакатамон сазовор гардам, – мегӯяд Музаффар Аҳмадҷонов.

Тамошои зиёратгоҳи Султон Увайс Қаронӣ, масҷиди ҷомеи маҷмааи мазкур, ки барои 1400 нафар дар ноҳияи Чортоқ сохта шудааст, дар мо таассуроти амиқ ҳосил намуд. Зимни сафар бо ашёи осорхонаи ғановатманди он низ ошно шудем, ҳамчунин аз зиёратгоҳи Бибӣ Наима боздид кардем, ки яке аз ҷойҳои хушбоду ҳавои ин ноҳия маҳсуб меёбад.

Боғи маданият ва истироҳати "Водии афсонаҳо"-и шаҳри Наманган дар Осиёи Марказӣ назир надорад. Масоҳати он 155 гектарро ишғол кардааст. Барои сохтумон ва муҷаҳҳаз намудани боғ 123 миллион доллари амрикоӣ сарф шудааст. Ҳоло ин боғ ба яке аз ҷойҳои дӯстдоштаи мардуми вилоятҳои Фарғона, Андиҷон ва Наманган табдил ёфтааст. Маълум шуд, ки меҳмонони зиёди дохиливу хориҷӣ зимни ташриф ба шаҳри Наманган ва вилоятҳои ҳамҷавори он ҳатман аз боғи маданият ва истироҳати бошукӯҳ боздид мекунанд.

Дар нишасти матбуотӣ ҷонишини ҳокими вилоят – сардори садорати маҳалла ва дастгирии оила Шӯҳрат Мӯсоев гуфт, ки рақамҳои зиёди зери дасташ аз тавсеаи кор дар ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаҳои вилоят бозгӯӣ мекунанд. Ба таъкиди ӯ аммо ҳанӯз мавҷудияти 127 ҳазор нафар бекор дар шаҳру ноҳияҳои вилоят баёнгари он мебошад, ки кор дар ҳамаи маҳаллаҳо дуруст ба роҳ монда нашудааст. Ҳоло 166 бинои бекорхобида мунтазири соҳибкоронанд. Онҳо метавонанд бо таъсиси корхонаҳои хусусӣ ҷойҳои нави кор фароҳам оваранд.

– Ба таъбири сарвари давлатамон раиси маҳалла бояд ислоҳотгар бошад, вагарна муваффақият ба даст овардан имконнопазир аст. Дар вилоят тамоми чораву тадбирҳоро ба он равона кардаем, ки нақши раиси маҳалла ва фаъолони он дар ривоҷи иқтисодиву иҷтимоии мамлакат ба чашм намоён шавад, корҳо аз рӯи принсипи маҳаллабай роҳандозӣ гарданд. Дар ин самт раисони маҳаллаҳо бояд бештар ташаббус зоҳир кунанд ва дар коҳиши теъдоди бекорон эҳсоси масъулият намоянд, – изҳор кард Шӯҳрат Мӯсоев.

Мавсуф илова намуд, ки дар бархе аз маҳаллаҳои вилоят аллакай аз «дафтари оҳанин» сарфи назар шудааст. Шӯҳрат Мӯсоев гуфт, ки раиси ҷамоати "Даштбоғ" Музаффар Аҳмадҷонов итминон дода тавонист, ки маҳз раиси маҳалла ислоҳотгари асосӣ мебошад.



**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири махсуси**
**"Овози тоҷик".**
*ТОШКАНД – НАМАНГОН – ТОШКАНД.*

# ЭҶОДКОРОНИ ҶАВОН ДАР ЗОМИН ҶАМЪ ОМАДАНД

***Инак чандин сол аст, ки Машварати Зомин, ки бо ташаббуси Президент Шавкат Мирзиёев ба роҳ монда шудааст, ба кашфи писарону духтарони соҳибистеъдоди эҷодкор хидмат мекунад.***

Чорабиниҳои машварати кунунӣ аз 5 то 8 июл дар лагери «Ӯриклисой»-и ноҳияи Зомин баргузор мешаванд.

Суханони роҳбари давлати мо ба шоирону нависандагони ҷавоне, ки ба олами адабиёт ворид мегарданд, дар сарзамини саховатманди Ҷиззах аллакай ба шиори асосии Машварати Зомин табдил ёфтанд.

Субҳи содиқи 5 июл ходимони ҷавони эҷодкор, шоиру нависандагони машҳур, публисист ва драматургҳо, ҳамчунин кормандони расонаҳои ахбори оммавӣ дар назди бинои Иттиҳоди нависандагон ҷамъ омаданд. Ҷамъомадагон аввал ба пояи ёдгории Алишери Навоӣ дар Хиёбони адибон гул гузоштанд ва сипас ба автобусҳо нишаста ба ноҳияи Зомини вилояти Ҷиззах равона шуданд.

Иштирокдорони машваратро таҳти садои карнаю сурнайҳо ва нону намаку гулдастаҳо дар маҷмӯи тантанаҳои «Осиё» истиқбол карданд.

Дар чорабинӣ раиси Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон Сироҷиддин Саййид, ҳокими ноҳияи Зомин Алишер Абдуғаниев, муовини ҳокими вилояти Ҷиззах Фурқат Ҷӯрақулов, ҷавонон ва намояндагони расонаҳои ахбори оммавӣ иштирок карданд.

Пас аз хӯроки пешин тамоми иштирокдорони Машварати Зомин ба автобусҳои замонавӣ нишаста, роҳи лагери «Ӯриклисой»-ро пеш гирифтанд. Дар нимаи дуюми рӯз маросими кушоиши машварат баргузор гардид, шомгоҳ бошад, суҳбатҳои адабӣ ва мушоира ташкил карда шуд.

6 июл иштирокдорони машварат ба бахшҳо оид ба самтҳои шеърият, наср, драматургия, публисистика бадеӣ, тарҷумаи бадеӣ, адабиёти бачагона, танқиди адабӣ тақсим шуда, дар сабақҳои адабӣ иштирок менамоянд. Ба мақсади баргузидани осори иштирокдорон ва баргузор намудани сабақҳои адабӣ барои онҳо иборат аз 35 нафар арбобони шинохтаи эҷодӣ, олимону адабиётшиносон гурӯҳи корӣ ташкил гардид.



Соли равон дар машварат 66 нафар шоиру нависандагони ҷавон аз Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, шаҳри Тошкнд ва тамоми вилоятҳо, ҳамчунин 9 нафар ходимони ҷавони соҳибистеъдод, ки онҳоро созмонҳои ҳамкор фиристодаанд, иҷрогарони сурудҳои анъанавӣ, оҳангсозон, таҳиягарони кино, рассомон иштирок доранд.

Дар доираи машварат бисёр чорабиниҳои завқовар, аз ҷумла шабҳои эҷодӣ бо иштироки ходимони ҷавони эҷодкор ва нависандагони машҳур, мушоира, намоишдиҳӣ ва баррасии филмҳои мустанаду бадеӣ, мулоқоти шоирон, оҳангсозон ва иҷрогарони ҷавон баргузор мешаванд.

**А. ҚАЮМОВ,**
**хабарнигори ЎзА.**
**Суратгир: Ҷ. ЁРБЕКОВ (ЎзА).**

***Дар давоми ҳафтаи гузашта Суди олии Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар як қатор ноҳияҳои вилояти Ҷиззах бо аҳолӣ қабули сайёр ташкил кард.***

# ҚАБУЛИ САЙЁРИ ИДОРАҲОИ СУДУ ҲУҚУҚ

Дар ин вохӯриҳо корафтодагон аз хусуси муаммо ва мушкилиҳои худ ба судяҳо муроҷиат намуданд. Дар қабули сайёре, ки дар шаҳри Дӯстлик барои аҳолии ноҳияҳои Мирзочӯл, Пахтакор, Арнасой ва Зафаробод пешбинӣ шуда буд, шаҳрвандон имконият пайдо намуданд, ки аз рӯи мансубияти масъалаҳо ба судҳои ҷиноӣ, шаҳрвандӣ, маъмурӣ ва иқтисодӣ муроҷиат намоянд.

Масалан, мушкилоти сокини ноҳияи Мирзочӯл Хумора Соҳибова доир ба соҳиби ҳуҷҷати шаҳрвандӣ шудани фарзандони баъди шонздаҳ сол муроҷиат карда буд, ки ин масъала ҳалли худро ёфт.

Дар ноҳияи Шароф Рашидов низ ҳамин гуна вохӯриҳо ташкил карда шуданд, ки барои аҳолии ноҳияҳои дигари вилоят манфиат дошт. Назар ба маълумотҳо суди олӣ қариб шаст масъалаи муроҷиаткунандагонро ба масъулон роҳӣ сохт. Қариб сесад миллион сӯм пул тавассути суди иқтисодӣ рӯёнда шуд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# ЗАНИ ОТАШҚАЛБ

Намедонистам навиштаи худро дар бораи ин бонуи ҳалиму меҳрубон, инсони далеру равшанзамир, Журналисти шоистаи Ӯзбекистон Муайяна Хӯҷаева аз чӣ оғоз кунам. Ба ёдам китобҳояшон омад. Аз ҷевон асарҳояшон – “Тоҷи шараф”, “Матонат”, “Ризвон эрур Ватан”, “Армуғони Васлӣ”-ро, ки бо соянdaст додаанд, гирифта варақ задам. Ҳар кадоме як олами маънавияту маърифат. Оре, хушбахт аст рӯшанфикре, ки китоб навиштаву китоб чоп кардааст.

Муаллиф китоби “Армуғони Васлӣ”-ро бо як байти худи шоири маърифатпарвари охири асри XIX-чоряки якуми асри XX Васлии Самарқандӣ оғоз кардааст, ки аслан мазмуни зиндагии вайро низ ифода мекунад:

*Машав ғамгин, шикасте гар туро*
*рӯзи нахуст ояд,*
*Умед аз вопасин кун, баски дер*
*ояд- дуруст ояд.*




Аммо, мо дар мақола на аз “шикастҳои рӯзгор”-и ин зани сабур, балки аз нишотҳои зиндагиаш, нақши бузургаш дар журналистикаи тоҷику ӯзбек, дастовардҳои илмӣ ва сафарҳояш мехоҳем мухтасар ҳарф занем.

Идораи рӯзномаи “Ҳақиқати Ӯзбекистон” – “Овози тоҷик” даргоҳи муътабари на фақат кормандони ин рӯзнома аст, балки инсонҳои шарифест, ки забону адабиёти тоҷикро азизу гиромӣ донистаанд. Мегӯянд, ки Мирзо Турсунзодаи шаҳир ҳар вақте ба Тошканд қадам мениҳод, ҳатман ин даргоҳро зиёрат мекард. Худ гувоҳ будам, ки академикҳо Муҳаммад Осимӣ, Ҳабибулло Саидмуродов, Абдулқодир Маниёзов, Собит Ҳабибуллоев, Муҳаммадҷон Шакурӣ, шоирон Гулназар Мӯъмин Ҳунарпешаи мардумии собиқ Иттифоқ Ҷӯрабек Муродов ва даҳҳо нафар гули сари сабади илму маданияти тоҷик ба ин ҷо ташриф оварда, маҳфил ороста буданд. Мизбонҳо – масъулини таҳририяти рӯзнома низ аз инсонҳои, ба қавле, оддӣ набуданд, дар соҳаи журналистикаву адабиёт вазни худро доштанд: Кормандони шоистаи маданияти Ӯзбекистон, журналистони номӣ Шавкат Ниёзов, Муҳсин Умарзода, Раҳмат Норов, Авнер Исҳоқбоев, Қамариддин Шамсиев, Саъдихон Солиев, Ҷонибек Қувноқов, Муҳаммадҷон Қосимов, инсони зиёиву донишманди аз таърихи фарҳанги Эрону Афғонистон бохабар Ҳамид Қиличев ва дигарон. Ҳар кадоми онҳо на фақат таҷрибаи бузурги илмию касбӣ, ҷаҳонбинии васеъ, балки маданияти баланди инсонӣ ҳам доштанд.

Соли 1983 сарнавишт маро ба ин идораи муътабар овард. То ин дам тӯли ду соли хидмати низомӣ мақолаҳоям дар саҳифаҳои рӯзнома ба чоп мерасиданд. Яке аз инсонҳое, ки маро дар ин мактаби маърифат хуш пазируфту кӯмаку маслиҳатҳояшро дареғ надошт, хонуми кушодачеҳра ва хушқадду қомат Муайяна Хӯҷаева буд. Шоир Муҳаммадҷон Васфӣ дар тавсифи ӯ аз ҷумла навиштааст:

*Дар мактаби илму амал аллома*
*духтар хонамат,*
*Азбаски дар ҳар илму фан донотарин*
*дар кишварӣ.*
*Тасвири ҳусну хулқи ту натвон*
*кашидан бо қалам,*
*«Ҳарчанд васфат мекунам,*
*лекин аз он болотарӣ».*

Дар аснои кор фаҳмидам, ки Муайянаойтӣ дар Институти шарқшиносии ба номи Абурайҳон Беруниии АФ Ӯзбекистон дар мавзӯи “Фаъолият ва эҷодиёти Саидаҳмад Васлии Самарқандӣ” солҳои зиёд тадқиқот бурда, дар тарҷумаи бисёр дастхатҳои форсии тоҷикӣ ба ӯзбекӣ саҳм гузоштааст. Бо шавҳараш олими соҳаи биология Ғаффор Раҳимов ду сол (1970-1972) дар Куба кору зиндагӣ карда, забони испаниро пурра омӯхтааст. Сипас, дар мактаби ҳизбии Тошканд таҳсил намудааст. Дар он замон ба ин мартабаву мақом на ҳар зан расида метавонист.

Ногуфта намонад, ки падари бузургвораш иштирокдори Ҷанги Дуюми ҷаҳонӣ буд ва дар муҳорибаи Сталинград шаҳид гаштааст. Сарнавишти падарро Муайянаапа дар очерки “Омадӣ, ҷони падар!” хеле таъсирбахш баён кардааст: “Аз комиссариати ҳарбии шаҳри Волгоград бо имзои подполковник Гончаров мактуб гирифтам: “Падари шумо лейтенанти хурд Ҳоҷӣ Нӯъмон дар қабристони бародарии посёлкаи Майский мадфун аст...”

Мо дар қабристони бародарии Майский. Дар тахтасангҳои мармари сиёҳ ному фамилияи шаҳидон навишта шудаанд. Онҳо беш аз 2000 нафар! Ана номи падарам... Дар чашмонам ашк ҳалқа мезад. Гӯё аз қаъри замин садои маҳбубе ба гӯшам мерасид: “Омадӣ, ҷони падар!”...

Баъди хондани чунин ҳикояву мақолаҳои пуртаъсир кас беихтиёр мегӯяд: журналист бошад, чунин бошад! Оре, ӯ ҳамеша самимона менависад. Лабораторияи эҷодии ин журналист ва олимаи хушсалиқа мавзӯи алоҳида аст.

Мо – чандин нафар ҷавонон аз Муайянаапа дарси одамият, сабақи меҳрубонӣ ба инсонҳо, таҳаммул ва сабру қаноатро омӯхтем. Он хислатҳои инсони матинро омӯхтем, ки худ дар зиндагӣ собит кардааст ва китоберо ҳам бо номи “Матонат” ба чоп расондааст.

Соли 1984, вақте бинои идораи рӯзнома ба кӯчаи Матбуотчиён, 32 кӯчид, Муайянаапа бо ҳамкасбони ӯзбеки худ Фарида Абдураҳимова ва Муқаддас Абдусаматова (чанд муддат пештар ба синни муборaки 80 расиданд) метавон гуфт риштаҳои дӯстии журналистони ду миллатро бо ҳам пайвастанд. Онҳо дар байни гурӯҳи азими хабарнигорон номи “Се атргул”-ро гирифта буданд.

Муайянаапа бо шоир ва тарҷумони моҳир Ҷонибеки Қувноқ ҳамсол аст, ҳарду соли 1941 ба дунё омадаанд. Бинобар ин бо якдигар “Баробарам” гуфта муомила менамуданд.

Соли 1991 Муайянаапа бо аҳли оила ба зодгоҳи худ шаҳри азизи Самарқанди бостонӣ бо унвони Журналисти шоистаи Ӯзбекистон баргаштанд. Дар он ҷо ба ҳайси хабарнигори вилоятии рӯзномаи “Овози тоҷик”, зиёда аз он муҳаррир ва барандаи Ширкати телевизиони “Самарқанд-STV”чанд муддат кор карда, ба инкишофи тележурналистикаи тоҷик дар Самарқанд саҳм гузоштанд. Яъне, дар зиндагии устод даври нави фаъолияти эҷодӣ сар шуд. Моҳи июли соли 2011, ҳангоме ки ба ҷашни 70-солагиаш омадем, дар базми пуршукӯҳ гувоҳи он шудем, чӣ андоза хидмати босазо шоистаи эҳтирому эътирофи зиёд гашта буд.

Дар ин байн Муайянаапа амали Ҳаҷро низ адо намуд. Азбаски наздикон ба Америка мусофират карда буданд, эшон низ ба ИМА сафар намуда, ҷойҳои ҷолиби ин кишварро дида, ба Самарқанди азизаш баргашт. Таассуроти сафар ба китоб ва мақолаҳо кӯчиданд.

Беш аз 60 соли умри М.Хӯҷаева бо журналистика вобаста аст. Соли 1963 ҳаёти худро бо “Овози тоҷик” пайваста буд. Чанд рӯз пеш ба муносибати Рӯзи кормандони матбуот ва воситаҳои ахбори оммавӣ ӯро ҳамчун собиқадори соҳа ба тантанаи расмии ҳокимияти вилоят даъват карданд.

Соли гузашта устод низ гирифтори короновирус шуд. Дар хона бистарӣ буд, ҳатто ба салом алек гирифтанаш низ душвор буд. Аммо бонуи боирода, ки ҳаст, ба по хест.

Ин абёти шоири ҳамсолаш Лоиқ вирди забони ӯст:

*Шукр гӯям зиндагиро бо ҳама*
*ширину талх,*
*Шукр гӯям зиндагиро бо ҳама неку*
*бадаш.*
*Шукр гӯям қисматамро бо ҳар он*
*чӣ ҳасту нест,*
*Шукр гӯям бахтро бо омаду*
*ноомадаш.*

Умратон дароз бод, муаллима ва устоди меҳрубон.

**Шоқаҳҳор САЛИМОВ.**

САФАР ДАР ВАТАН

# ЗИЁРАТГОҲЕ ДАР ДОМАНИ КӮҲ

Дар даромадгоҳи деҳаи Қоратоши ноҳияи Фориш, дар доманае зиёратгоҳе бо номи «Хӯҷа Боғбонота» мавқеъ гузидааст. Мувофиқи маълумотҳо номи аслии ин шахси маъруфи таърихӣ Ибн Муҳаммад ал-Восит буда, дар асри XII зиндагонӣ кардааст. Тавре, ки дар лавҳаи дохили зиёратгоҳ оварда шудааст, Низомиддин Мир Алишери Навоӣ дар «Насойим-ул-муҳаббат» дар қатори ҳафтсад нафар пиру авлиёҳо номи Хоҷа Боғбонро низ зикр намудааст. Гуфта шудааст, ки ин пири комил илмҳои оид ба фиқҳ ва исломиро хуб аз бар намуда буд ва барои ба суҳбаташ мушарраф гардидан мардуми зиёд ба ҳузураш мешитофтанд.

Се сол муқаддам зиёратгоҳ таъмир карда шуд. Барои ба баландӣ (то ғор) баромадан зинаҳо сохтанд. Ҳавзчаҳо бунёд намуданд, ки моҳичаҳо дорад. Роҳравҳо обод гардид. Катҳои зебо гузошта шудаанд. Поёнтар чашмае ҳаст, ки обаш хусусияти шифобахшӣ дорад, дар қадре баландӣ марқади ӯ ҷой гузидааст. Ба сари қабр зиёраткунандагон тавассути ҳафтод зинаҳои бетонӣ, ки тақрибан як метр дарозӣ доранд, мебароянд.

– Ҳамаи ин корҳои таъмирӣ ва ободонӣ ба туфайли ҳиммати бееминнати марди саховатманд, соҳибкори номӣ Турсунбой Олтинов ба анҷом расиданд, – гуфт зимни суҳбат имом-хатиби зиёратгоҳ Холдор Ҳамидов. – Ба нақша гирифта шудааст, ки то ин ҷо роҳ асфалтпӯш карда шавад. Ҳамчунин таҳоратхона, ҷойи намозхонӣ низ бунёд мегардад, – гуфт Холдор Ҳамидов.

Бояд гуфт, ки дар гармои тобистон одамон гурӯҳ-гурӯҳ омада дар суфа ва катҳои зери сояи дарахтони тут нишаста истироҳат мекунанд. Ғизову хӯрданиҳои бо худ овардаашонро тановул менамоянд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори»Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

Ба пешвози 80-солагии устод Ҷонибек Қувноқ

*Барот БОЙҚОБИЛОВ:*

# “ЗОДАИ ИЛМУ ҲУНАР ҲАСТӢ САРОПО, ТОҶИКАМ!”



Ба қарибӣ китоби «Адиб ва адабиёт» (Тошканд, 2017)-и суханвари варзида, шоир ва муҳаррири маъруф, дӯсти азизам Фармон Тошевро такрор мутолиа намуда, аз файзу таровати қалами сеҳрофаринаш баҳраманд гаштам. Мактубҳои адабии пурмазмун ба устодону шогирдон, андешаҳои ҷолиб оиди меҳру ихлос ба кори эҷодӣ ва маслиҳатҳои судмандаш ба қаламкашони ҷавон рӯҳияи публитсистии китобро таъмин кардаанд.

Яке аз мақолаҳои китоб «Мисли чинорҳои Ургут боқӣ ҳастед, устод» номгузорӣ шуда, дар шакли мактуби адабӣ ба эҷодиёти Шоири халқии Ӯзбекистон Барот Бойқобилов бахшида шудааст.

Барот Бойқобилов зодаи ноҳияи Ургути вилояти Самарқанд аст. Ӯ 14 марти соли 1937 дида ба дунё кушодааст. Хатмкардаи факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Алишер Навоӣ мебошад. Дар рӯзномаи «Ёш ленинчи», нашриёти «Ёш гвардия» ва собиқ Комитети Марказии ҳизби коммунистони Ӯзбекистон адои хидмат намудааст. Ҳамчунин ба сифати муҳаррири маҷаллаҳои иҷтимоӣ ва адабию бадеӣ фаъолияти ибратбахш дошт.

Ба машқҳои шогирдонаи ӯ нахустин бор назари устодон Садриддин Айнӣ ва Воҳид Абдулло афтодааст. Шеърҳояш аз соли 1954 рӯйи чопро дидаанд. Дертар устодони кушодадили ҳимматбаланд Ойбек ва Миртемир ба қаламиҳои ӯ назари илтифот афкандаанд. Ин буд, ки бо маҷмӯаи нахустини шеъриаш «Сатрҳои Самарқанд» ба майдони назми ӯзбек бо азми қатъӣ қадам гузошта, минбаъд маҷмӯаҳои шеърии «Ушшоқи Самарқанд», «Афросиёб», «Сонетҳо», «Висол ва ҳиҷрон», «Дил ором намешавад», «Хоки Ватан» ва дигарҳоро пешкаши хонандагони закитабъ мегардонад.

Дар назми ӯ мавзӯи таърих ва талқини шахсиятҳои эҷодкори замони мозӣ мавқеи муҳим дорад. Чунончи, дар қиссаи шеърии «Шаб ва рӯз» («Тун ва кун») образи шоҳ ва шоир Заҳириддин Бобурро бо камоли маҳорат офаридааст, ки падидаи тозае дар назми он солҳо буд. Дар достонҳои «Хамсаи нав» бошад, образҳои бадеии Алишер Навоӣ ва Хоҷа Аҳрори Валӣ мавриди тасвир қарор гирифтаанд. Биноан, ин шоҳкорӣ ба Мукофоти давлатии Ӯзбекистон ба номи Алишер Навоӣ сазовор гаштааст.

Барот Бойқобилов дар бораи ғояи ин асар бо ифтихор чунин навишта буд: «Шукри Худо, ки бароям бахту саодати дӯстии қиёматии Ҷомию Навоӣ, қаробату бародарии абадии халқҳои тоҷику ӯзбекро дар «Хамсаи нав» якқалам кардан насиб гардид. Дар он Ҳироту Самарқанд, дӯстиву қаробати халқҳои тоҷику ӯзбек ва Навоию Ҷомӣ васф шудааст. Анвори офтоби дилро ба сари ин ду шоир, ду халқи бузург, ду зоти муборак нисор намудам.

*Зи водии Ҳарирӯду Зарафшон,*
*Самарқанду Ҳироти анбарафшон,*
*Зи боғи Кенагас, ҳам «Боғи Хамса»,*
*Канори «Унсия» – оғӯши бӯстон.*
*Вазад, бигзор, анфоси ду устод,*
*Шавад рӯҳи бузургон ҷовидон шод».*

Солҳое, ки дар Тошканд дар идораи нашрияи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (ҳоло «Овози тоҷик») кор мекардам, ҳайъати таҳририя дар кори ба роҳ мондани нашри муттасили рӯзнома, фаъолияти мунтазами гуфторҳои тоҷикии радиои ҷумҳурӣ такягоҳу пуштибони беғараз будани Барот Бойқобиловро сипосгузорона таъкид менамуданд. Мақолаҳои публитсистии бо порчаҳои шеър оростааш дар саҳифаҳои рӯзнома тез-тез чоп мешуданд.

Барот Бойқобилов дар эҷоду гуфтор дӯстиву рафоқатро монда нашуда тарғиб менамуд. Ӯ достонҳои Мирзо Турсунзода «Чароғи абадӣ» (дар ҳамкорӣ бо Ҷонибек Қувноқ) ва «Ҷони ширин»-ро бо маҳорати баланд ба ӯзбекӣ баргардонидааст. Бо ихлосу сипос мегуфт: «тоҷикидониям имкон дод, ки аз шеърияти форс-тоҷик баҳраманд шавам». Ҳамин афзалият ба ӯ имкон додааст, ки ашъори шоирони тоҷик, бахусус достонҳои Мирзо Турсунзода «Ҷони ширин» ва «Чароғи абадӣ»-ро (достони охирин дар ҳамдастӣ бо Ҷонибек Қувноқ) ба ӯзбекӣ моҳирона тарҷума намояд. Бале, ӯ суханвари фозили дилаш соф буд. Дар як шеъраш ба ин ишора кардааст:

*Қаламам аз чинори Ургут аст,*
*Сафои дилам аз чашмаҳояш.*

Ашъори Барот Бойқобилов аз ҷониби дӯсти эҷодкораш Ҷонибек Қувноқ ба тоҷикӣ равону хотирмон тарҷума шудаанд. Дар онҳо меҳру оқибат, дӯстиву бародарӣ, сидқу вафо нисбати халқу Ватан самимона тараннум ёфтаанд. Мисолан, дар шеъри «Меҳрнома»-и ӯ дӯстиву бародарии тоҷикону ӯзбекон чун «дуруди дӯстӣ», «байти эҳтироме аз суруди дӯстӣ» ва «суҷуди дӯстӣ» ин тавр бо садоқату кушодадилӣ васф шудааст:

*Баҳри некӣ омадӣ бар рӯйи дунё,*
*тоҷикам,*
*Ёфт дунёе зи ту дунёи дилҳо, тоҷикам,*
*Ҳар куҷо хайрест, дорӣ мӯҳру имзо,*
*тоҷикам,*
*Нур меҷӯӣ фақат з-имрӯзу фардо,*
*тоҷикам.*

Дар ин манзумаи меҳру ихлос, ки онро гимни дӯстии халқҳои ӯзбеку тоҷик метавон ҳисоб кард, илму адаби халқи тоҷик, бахусус, саҳми суханварони беназири он дар олами шеъру шоирӣ бо сидқу вафо мавриди тасвир қарор гирифтаанд:

*Бо каломи тоҷикӣ Ҳофиз дили дунё*
*гирифт,*
*Чун худои достон Фирдавсӣ сар боло*
*гирифт,*
*Саъдиву Хайём номи булбули гӯё гирифт,*
*Рӯдакӣ бар шоирони даҳр бобо, тоҷикам!*

(Давомаш дар саҳ.4).




# Медалҳо супурда шуданд

***Дар ноҳияи Мирзочӯли вилояти Ҷиззах чорабинии тантанавӣ бахшида ба супурдани медалҳо ба хатмкунандагони мактабҳо баргузор гардид. Дар тадбир ба 19 нафар хонанда, ки мактабро ба баҳоҳои аъло хатм намуданд, медалҳои тилло ва нуқра (13 тилло ва 6 нуқра) ва тӯҳфаҳои қимматбаҳо супурда шуданд.***

*– Ман аз хурдсолӣ орзу мекардам, ки мактабро бо баҳои аъло тамом кунам ва имрӯз бисёр хурсандам, ки орзуям ҷомаи амал пӯшид, – мегӯяд хатмкунандаи мактаби рақами 9-уми ноҳия дорандаи медали тилло Сабина Фармонова.*

*– Ман бо писарам фахр мекунам, ки ӯ имрӯз соҳиби медали тилло гашт ва дар оянда дар мактаби олӣ хонданро давом доданист, – мегӯяд модари Содиқ Пухоров.*

*Дар охири чорабинӣ аз тарафи хокимияти ноҳия ба падару модарони медалдорон ва фидоиёни таълим ташаккурномаҳо супорида шуданд.*

***Раҳимшоҳи ШАРИФЗОДА.***

***Дар сурат:*** *лавҳа аз тадбир.*

***Суратгир:*** *муаллиф.*

*Чоршанбеи ДЕҲНАВӢ*

# ДУНЁИ БӮҚАЛАМУН

*Новелла*

Воқеаи имрӯза аз хурсандӣ сар шуд.

Шайхалӣ писардор шудани дӯсташро шунида, дар пӯсташ нағунҷид.

– Оббо ту-ей! – мегуфт гашта-баргашта, – ҳамин қадар хурсандиро чӣ тавр дар дил ғунҷондӣ-а?! Чӣ тавр?! Ту-ку одами хуб бобардошт, лекин ба инаш тоқат карданат мумкин набуд. Боз писар! Чӣ тавр тоқат кардӣ-а?! Занак, ҳӯ занак! Хушхабар! Ҷобир писардор шудааст. Боз хомӯш истодани инро бин! Дод задан даркор, дод! Оббо, ту-ей! Ба накафиданат ҳайронам. Занак, кафгирро ба дег зан. Ман як кӯча баромада оям! Ин хурсандиро қайд накардан мумкин нест! Биё, дӯстам, боз як бори дигар оғӯш кунам.

Шайхалӣ ҷайб кофта, калидро гирифту саросема ба мошин нишаст. Вале мошин оташ нагирифт, – бар падари аккумулятор ҳам лаънат, – гуфт ба замин туф карда, – хуб вақти нозашро ёфтдия! Акнун, падари саодатманд, тела медиҳӣ. Занак, ту ҳам!

– Ҳоҷати ташвиш нест, – дили Ҷобир назад.

– Чаро ҳоҷат набудааст?! Ҳоҷат, ҷӯра, ҳоҷат!

– Ман боз ба таваллудхона рафтанам лозим.

– Меравем. Хоҳӣ ҷӯраҳои ҳофизамонро ҳам ҳамроҳ мегирем. Дар ҳавлии таваллудхона як консерти кори калон ташкил мекунем!

– Лозим не.

– Оббо, ту-ей! Чунон осуда гап мезанӣ, ки писарро гӯё аз магазини лӯхтак харида бошӣ!

– Оҳистатар, – зани Шайхалӣ сӯйи девори ҳамсоя ишора намуд, – янгаатон фаҳманд чӣ мегӯянд?!

Чизе хоҳад гуфтан гирад! Худи амакам зинда мебуданд, барои ин хурсандӣ гӯсфанд мекуштанд. Канӣ, баробар тела диҳед. Як, ду, се!

Ҷобиру зани Шайхалӣ ҳарчанд зӯр заданд, мотор ба ҳаракат наомад. Ду-се зӯракӣ тир-тир карду баробари суст шудани тела боз хомӯш гашт.

– Боз пули муаллим бисёр шуда будааст, – гуфт нафаси зани Шайхалӣ дар гулӯяш печида, – зӯрашон ба як аккумулятор намерасаду худашонро дар тахти Сулаймон мебинанд!

– Зан, ки даҳон кушод, аз забонаш шикоят мечакад. Маоши муаллим зиёд шуд гуфта, пулро бо сумкааш медиҳанд чӣ?! Аҷаб ҳимматбаландӣ-дия, занак!

– Рост-дия, ин азоб чӣ азоб?! Боз ин мошинатон хари побаста барин чор по тира кардагеш кардагӣ!

– Бо ихтиёри худат дар ду дунё ҳам машқи бадан намекунӣ. Бин, бозе, ки мошин тела медиҳӣ, рангат ранги тоҷи хурӯс барин суп-сурх гаштааст.

– Аз шумо гап гирад! Шикоратон барор гирад майлаш-куя, нагирад ба тела доданам месӯзам!

– Мегирад, занак, мегирад. Зӯр зан!

– Дер шуд, Шайхалӣ.

– Нисфи шаб намешавад?! Одамон баҳудаву беҳуда менӯшанд, мо ин воқеаи бузургро қайд кунем чӣ шудааст?! Канӣ, боз як бори дигар зӯр занетон. Ҳамин хел. Ҳа, ҳа!

Мотор ба ҳаракат омад.

– Чаро истодаӣ?! Қабатам шин! Оббо, ту-ей! Росташро гӯям, ҷӯра, дар ҳамин лаҳза дилвасеъгии ту ба ҷонам расид. Саночи пуртилло барин дарунат аз хурсандӣ пуру... ҳеч набошад, ханд! Хандидани туро дар ин солҳои наздик надидаам. Дар бозгашт Саъдуллоро гирем-чӣ? Сурудҳои ӯро кайҳо боз нашунидаем.

– Як вақти дигар. Янга шунаванд...

– Ҳа, амакам, раҳматӣ, одами зиндадил буданд. Барои он ҳам умри дароз диданд. Бо вуҷуди он ҷояшон холӣ...

Онҳо вақте ба магазин расиданд, фурӯшанда дари магазинро руст карда, дар қуфлаш латта мепечонд. Шайхалӣ аз мошин саросема фуромада, ӯро нигоҳ дошт.

Як оби мастак лозим шуда монд, ҷӯра, – овози Шайхалӣ оҳанги тавалло дошт, – аз хурсандӣ қариб, ки кафам.

– Нест, – гуфт фурӯшанда ва корашро давом дод, – мебуд ҳам, намедодам. Дер шуд.

– Худат медонӣ, ки хурсандӣ вақт намепояд, ҷӯра. Вақти шаҳрфуроӣ мебуд, ба ту зора карда намеистодам. Туро одами худӣ гуфта омадам. Як илоҷ накунӣ намешавад!

– Бовар кун, нест.

– О, мо хуморӣ не, ки сари туро хам кунем. Имрӯз ба ин муносибат нанӯшем, намешавад. Медонӣ, чӣ? Ҷобир писардор шуд. Писари одӣ не! Баъд аз ҳабдаҳ соли хонадоршавӣ! Акнун фаҳмидагистӣ!

– Фаҳмидам, лекин нест. Буду шудашро Мустафо бурд. Ҳамсояаш тӯй доштааст. Бисёр зарур бошад, назди ҳавай рав. Хотири бародараш не намегӯяд.

– Э-эъ, ба вай бародар не, одамони кулоҳпӯш лозим! –

Китфони Шайхалӣ ғалтида, ба мошин нишаст.

Тухми анқо бошад ҳам, меёбам! – гуфт мошинро ба роҳ даровар да.

Аммо наёфтанд.

– Тӯйхона меравем, – Шайхалӣ маҷбур шуда, ҷамбари мошинро сӯйи қишлоқи Мустафо тофт, – ҳамин баҳона аз Мустафо муждагонӣ мегирем.

– Фақат арақ намепурсӣ!

– Аз кӣ? Аз Мустафо? Бепул диҳад, намегирам! Эҳ, ҷӯра, ҷӯра, лойи тую вай дигар-дигар аст. Ба вай мо – муаллимон не... Медонӣ, ба хаёлам чӣ расид? Чаро муаллимро аз дигар калоншавандагон паст мегиранд? Барои он ки, якум, кори онҳо ба муаллим намеафтад. Дуюм, мо фарзанди онҳоро маҷбурӣ мехононем. Ниҳоят, гӯё рӯзи мо аз болои фарзандони онҳо мегузашта бошад! Ин фикри аблаҳона аст, ҷӯра, аблаҳона. Чизи дигар не!

(Давомаш дар саҳ.4).




### Барот БОЙҚОБИЛОВ:

# “ЗОДАИ ИЛМУ ҲУНАР ҲАСТӢ САРОПО, ТОҶИКАМ!”

(Аввалаш дар саҳ.3).

Мунодии дӯстиву бародарии халқҳоямон Барот Бойқобилов дар бандҳои дигари манзума низ аз азал дӯсту бародари ҷонӣ будани мардумони кишварҳоямон, парвардаи илму ҳунар, ҳамқисмату ҳамсояи қарин, ҳамрозу ҳамбол будани онҳоро дар роҳи бахту саодат бо сидқу вафо дилнишину хотирмон сароидааст:

*Ту забони хокро як умр аз бар кардаӣ,*
*Ҳар ваҷаб саҳрои худро махзани зар кардаӣ,*
*Осмони ҳар ҳунарро зери шаҳпар кардаӣ,*
*Зодаи илму ҳунар ҳастӣ саропо, тоҷикам.*

*Аз азал пайваст бо мо марзаю дарёи ту,*
*Мардуми як деҳа бо ду лафз дорад гуфтугӯ,*
*Ҳайрате ояд аз ин: ӯзбек ку, тоҷик ку!*
*Дар ғаму шодӣ шарик, ҳамрозу ҳампо, тоҷикам!*

Ёд дорам, Барот Бойқобилов солҳои аввали истиқлол яке аз аввалинҳо шуда, пешниҳоди сарвари давлатамонро оиди ободу зебо намудани мақбараву дахмаи зотҳои табаррук Абӯалӣ ибни Сино, Алишер Навоӣ, Камолиддин Беҳзод, Абӯрайҳони Берунӣ, Заҳириддин Бобур, Бобораҳим Машраб, Зокирҷон Фурқат ва дигарҳо, ки берун аз хоки Ватананд, дилсӯзона ҷонибдорӣ намуда, дар ин хусус мақолаҳои хотирмон навишта буд. «Эҳсоси меҳанпарастӣ дар дили одамон реша давонд. Онон идрок намуданд, ки хоки Ватан аз тахти Сулаймон беҳтар аст, он ҷо ки хуни ноф рехт, азиз мебошад. Подоши чунин дилбастагист, ки намои деҳоту гузарҳо, ҳисорҳо, дар маҷмӯъ Самарқанд, ба биҳишти афсонавӣ монанд мешавад», – навишта буд ӯ дар мақолаи «Самарқанд сайқали рӯйи замин аст»:

*Назар кардам чу бар сӯйи Самарқанд,*
*Биҳиште рӯ ба рӯям ҷилвагар шуд.*
*Регистон, Шоҳизинда пешам омад,*
*Ба чашмам Оби Раҳмат оби зар шуд.*

Вассофи дӯстиву бародарии халқҳоямон Барот Бойқобилов зимистони соли 2006 аз олам даргузашт.

Дар ин айём, ки халқҳоямон робитаҳои деринаи ҳамкориро тибқи талаботи замони нав ба роҳ мемонанд, фикр мекунам, пос доштани хотираи Барот Бойқобилов ва Ҷонибек Қувноқ барин суханварон, ки пули дӯстии халқҳои ӯзбеку тоҷик буданд, кори хайру ибратпазир аст.

**Абдусалом САМАДОВ,**
**устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд, дотсент.**

## Дар ҷодаи ҳунар

# «НЕКӢ БИМОНАД ҶОВИДОН...»

Сарояндаи навҷӯю навписанд, дилбохтаи санъат Шерзод Узоқов бо ҳунари воло ва барномаи рангини худ аз дили мухлисон маъво гирифтааст.

Якуми сентябри соли 1988. Муаллимаи синфҳои ибтидоӣ Лутфия Турсунова писарчааш Шерзод Узоқовро ба мактаби таълими умумии рақами 14-и деҳаи Кӯли ноҳияи Самарқанд оварду ба ҳамкасбаш Мавлуда Ҳалимова рӯ овард:

– Ойтиҷон, фарзандамро ба синфи шумо овардам. Ба қавле «гӯшташ аз шумову устухонаш аз мо».

– Хеле нағз, – Мавлуда Ҳалимова ба сари писарак дасти навозиш гузошта, аз ӯ пурсид:

– Хондану навиштанро медонед?!

Навшогирд тасдиқомез сар ҷунбонд ва хушҳолона сӯйи модар нигарист.

– Шерзодҷон баробари хондану навиштан сурудхониро низ медонанд, – гуфт модар ва ба писараш нигариста:

– Ку, бачаҷон, як суруд хон, муаллимаат қоил шаванд.

Шерзод ба замзамаи суруд оғоз намуд:

*Модарам, ман қатраам, дарё туӣ,*
*Модарам, ман зарраам, дунё туӣ.*
*Модарам, ман пораи қалби туям,*
*Мисли дил дар синаи ман ҷо туӣ.*
*Баҳри ман хуршеди ховар мешавӣ,*
*Бо Ватан танҳо баробар мешавӣ.*

– Беҳтарин! – чанд нафар омӯзгорон, ки дар атроф ҷамъ омада буданд, кафкӯбӣ намуданд. – Садои умедбахш. Шерзодҷон Худо хоҳад санъаткори номдор мешавад.

Воқеан, аз байн ду-се сол гузашту Шерзод Узоқов дар зинаи ноҳиявии озмуни санъаткорони ҷавон бо иҷрои худ ҷойи аввалро гирифт. Сипас, дар як қатор озмунҳои вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ низ бомуваффақият иштирок кард.

Дар ноҳияи Самарқанд анҷумани анъанавии кишоварзон гузаронида мешуд. Пас аз қисми расмии чорабинӣ навбат ба санъаткорон расид.

Баранда бо лутф номи ҳунарпешаи ҷавон Шерзод Узоқовро эълон намуд. Ба саҳна писараки шармгин, вале ситорагарм бо ҳаяҷони ниҳонӣ баромад. Ба ҳозирон таъзим намуд ва нигоҳаш ба паси саҳна афтод, ки устодаш Талъат Шоҳбаротов ду дасташро боло бардошта, бо табассум омад металабид. Рӯҳи ҳофизи ҷавон болида гашт. Вай бо сабки худ суруди «Дӯстонро гум макун»-ро, дар асоси шеъри устод Мирзо Турсунзода, иҷро кард. Овози ширадори ниҳоли боғи санъатро ҳозирон бо кафкӯбиҳо бардавом истиқбол намуданд. Дар чорабинӣ ҳокими ноҳия шодравон Раҳима Ҳакимова ҳузур дошт. Вай аз ҷо хеста, ҳофизи ҷавону умедбахшро ба оғӯш гирифту комёбиҳо таманно кард. Сипас, ба санъаткори номдор Мардони Мавлон, ки дар толор ҳузур дошт, супориш дод, ки Шерзодро шогирд гирад.

Шерзод солҳои мактабхонӣ аз муаллимонаш Замира Муродова ва Раббим Ҷабборов захма ба тор задан ва иҷрои сурудро омӯхта бошад, аз Мардони Мавлон, Талъат Шоҳбаротов ва дигар санъаткорон асрор ва нозукиҳои ҳунари овозхониро ёд гирифт.

Соли 2008 санъаткори номдори Тоҷикистон Садриддини Наҷмиддин ба Самарқанд омад. Шерзод дар ҳузури ин ҳунарпеша суруди «Садои борон»-и ӯро иҷро кард. Бо ҳамин дӯстиву ҳамкории онҳо оғоз ёфт. Дертар Шерзод ба тӯйи сунатии писараш устоди худ Садриддини Наҷмиддинро даъват кард.



Шерзод гоҳо ба Тоҷикистон рахти сафар мебаст, дар барномаҳои консертии устодаш ширкат меҷуст.

Баромади ӯро тавассути «оинаи нилгун»-и Тоҷикистон тамошобинон хуш пазируфтанд.

– Аксарият хуб медонанд, ки шогирдам Шерзод Узоқов аз бачагӣ бо ҳунари овозхонӣ дилбастагии зиёд дошт, – иброз дошт ҳофизи мардумии Ӯзбекистону Тоҷикистон Мардони Мавлон. – Бояд гуфт, ки баъзе булҳавасҳо дар фазои санъат мисли ситораҳои паррон як намоён мешаванду нобаҳангом ғайб мезананд. Аммо қадами Шерзод дар ҷодаи санъат қатъӣ аст. Сирру комёбиҳои рӯзафзуни эҷодии вай пеш аз ҳама дар он аст, ки ӯ сурудҳои тоҷикиро бо маҳорати ба худ хос месарояд. Фикр мекунам, дар паси комёбиҳои ӯ ҷустуҷӯ ва меҳнати бурдборона нуҳуфтааст...

– Ману Шерзод зиёд ҳамкорӣ кардем, – гуфт сароядаи хушхон Ортиқ Нуриев. – Суруди “Ғанимат”-ро, ки мо якҷоя сурудем, мухлисон хуш пазируфтанд. Ният дорем, ки дар оянда низ ҳамкориҳо идома меёбанд. Шерзод нафақат санъаткори маҳбуб, балки инсони хоксору ҳалим, хушрафтору хушсуҳбат низ ҳаст. Мавзӯи Ватан, волидайн, фазилатҳои неки инсонӣ, ишқу муҳаббат, бахту саодат, дилёбӣ мундариҷаи асосии сурудҳои ӯро ташкил медиҳанд. «Некӣ бимонад ҷовидон» шиори зиндагонии дӯсти мост. Ин аст, ки дӯстамон сурудани суруди шоири маҳбуб Лоиқ Шералиро, ки бо сатрҳои:

*Дунёи савдо бигзарад,*
*Андӯҳи дилҳо бигзарад.*
*Ҳам навбати мо бигзарад,*
*Аммо ба зери осмон,*
*Ҳамчун замини бекарон*
*Некӣ бимонад ҷовидон.*

шурӯъ мешаванд, дӯст медорад.

Бале, ҳама чиз даргузар аст. Он чӣ, ки ҷовидон мемонад, некӣ ба инсонҳост.

**Муродулло ТИЛЛОЗОДА,**
**устоди Донишгоҳи давлатии Самарқанд.**
**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

## Аз шеъри ҳамзабонон

### Наҷиби БОРВАР (Афғонистон)

# Ғазали ваҳдат

*Зодгоҳи Рустаму шоҳони Сосонӣ якест,*
*Шавкати «Шоҳнома»-ву фарҳанги эронӣ якест.*

*Арзиши хоки Бухорову Самарқанди азиз,*
*Назди мо бо гавҳару лаъли бадахшонӣ якест.*

*Мо агар чун шохаҳо дурем аз ҳам айб нест,*
*Решаи кӯлобию балхию теҳронӣ якест.*

*Аз дирафши Ковиён овози дигар мерасад,*
*Бозувони Коваву шамшери Сомонӣ якест.*

*Чист фарқи шеъри Ҳофиз бо суруди Мавлавӣ,*
*Мактаби ҳиндӣ, ироқию хуросонӣ якест.*

*Фарқи шеъри Бедилу Иқболу Соиб дар куҷост,*
*Рӯдакию ҳазрати Ҷомию Хоқонӣ якест.*

*Марзҳо дигар асоси дурии мо нестданд,*
*Эй бародар, асли моро нек медонӣ, якест.*

*Тоҷикӣ, ё порсӣ ё хеш пиндорӣ дарӣ,*
*Ин забони порсиро ҳар чӣ мехонӣ, якест.*



Давлат Сафарови бухороӣ аз ҷумлаи ҳунармандони моҳир шинохта шудааст. Устои номбурда аз хурдсолӣ ба санъати тасвирӣ меҳр монда, аввал дар институти рассомӣ ва дизайни миллии ба номи Камолиддин Беҳзод, сониян дар Донишгоҳи давлатии Бухоро таҳсил гирифтааст. Ӯ бештар бо корҳои эҷодии оиди санъати миниатура диққати бинандагонро ба худ ҷалб намуд. Ҳамчун аъзои иттиҳодияи «Ҳунарманд»-и вилоят дар форум, анҷуманҳои оиди санъати бо ҳамкории давлатҳои Фаронса, Русия ва микёси ҷумҳурӣ барпогардида иштирок кардааст. Инчунин, устои номбурда бо ҳунари кандакорӣ низ ном бароварда, панду ҳикматҳои ба рӯйи харсанг ва мармарсангҳо ҳаккокӣ кардаи ӯ, ки дар қадамҷойҳои муқаддаси Бухоро гузошта шудааст, дар шакли нақшинкорӣ бо услуби ба худ хоси санъати сангтарошӣ намоён аст.

***Дар сурат:*** *ҳунарманд Давлат Сафаров бо шогирдони худ.*
***Суратгир: Тоҳир ИСТАДОВ (ЎзА).***

## ХУСРАВ

# СЕ ҒАЗАЛ

*Кофӣ бувад зи ину он, аз хештан бигӯ,*
*Тафсири зулфу холи худро дафъатан бигӯ.*

*Биспурдам ихтиёри дил бар дасти ишқи ту,*
*Баҳри чӣ дам намезанӣ, як дам сухан бигӯ!*

*Иксири шеър мешавӣ дар зарфи вожаҳо,*
*Пас ҳарфро тариқати маъно шудан бигӯ.*

*Гӯянд, ки ба қалби зан сад гуна матлаб аст,*
*Бар ман усули қалби худ омӯхтан бигӯ.*

*Бе ишқ як нафар нагардад пухта дар ҷаҳон,*
*Бо дил раҳи чу ҳемаи тар сӯхтан бигӯ...*

*Алфози “Дӯстдорамат”-ро дафъаи дигар*
*Бар шоири нигоҳи худ, яъне ба ман бигӯ.*

***

*Мину, ҳар он чи менависам, ошиқона аст,*
*Чун қалби ман зи ишқ лабрези тарона аст.*

*Даъвои ину он надорам, балки ошиқам,*
*Ин шеъру ин чакомаҳо куллан баҳона аст.*

*Ҳар вожа бори маънии эҳсос мекашад,*
*В-ин байтҳои дафтари ман орифона аст.*

*Ҳар лаҳза дар ҳаёт чизе мӯд мешавад,*
*Пас вожаҳои ман ҳам аз ҷинси замона аст.*

*То ранг дар қалам бувад, бинвисам ишқро,*
*Ҳусни ту манбаи каломи шоирона аст.*

*Ҳоло ба гӯши ту бигӯям ин каломи сабз,*
*Баъзан бубинӣ, вожаи дил маҳрамона аст.*

***

*Ман касе дур аз асолат нестам,*
*Гӯяд ин оина аслан кистам?*

*Азм дорам то ба авҷи орзу,*
*Ҳар қадар афтодам, аз нав хестам.*

*Қатраам, дунболи Ҷайҳун меравам,*
*То ба ҷӯбори замон ҷористам.*

*Дар кафи дил рӯзу шаб тасбеҳи Ишқ,*
*Бо хаёли дилрабое зистам.*

*Шаклҳоро рад накардам ман, вале*
*Дарҳақиқат, ошиқи маънистам.*

*Шиква дар ҳар даврае омад қасир,*
*Мардаму зери забон махфистам.*

## АНДЕША ВА РОЗҲО

### МЕТАФИЗИКА ВА ДИАЛЕКТИКА

Адиби баркамоли тоҷик Саттор Турсун боре дар як суҳбат гуфта буд:

– Мавзӯи наву кӯҳна нест. Гап дар сари чи гуна навиштани онҳост. Ё гапам нодуруст?

Ба андешаи мо, дунё тағйир меёбад, замонҳо дигар мешаванд. Онҳо мавзӯоти нав ба навро барои аҳли санъат пешниҳод менамоянд.

### АСРОРИ АЗАЛРО НА ТУ ДОНИВУ НА МАН...

Бо даргузашти ёрони азизам, дил бичӯкад, дар дилам пайдо бишавад дард. Дӯстон, куҷо рафтед, чаро танҳо бо дидаи гирён бимондед маро? Бо мисраи Умари Хайём «Аҳволи мусофирон бигӯяд чун шуд?» Аҳволи мусофирони дунёи дигарро на нодон бидонаду на оқил. Асрори маргро ҳам то ҳол ягон фозил кашф накардааст.

### ТАНҲО МЕҲР

Танҳо меҳр пайваст кунад одамонро бо ҳам. Меҳр, яъне дӯстӣ. Ба қавли Ҳофиз: «Ниҳоли душманӣ баркан, ки ранҷи бешумор орад».

Агар сулҳу салоҳ, субот бошад, метавон ҳаллу фасл кард ҳамаи масъалаҳои рӯзгори бани башарро, ба монанди даҳшатфканӣ, миллатгароӣ, исломгароӣ, низоъҳои миллӣ ва динӣ... Агар чунин замон фаро бирасад, меҳр дар дили мардумони дунё пойдор ва устувор бишавад, оламу одам ба ободӣ хоҳад расид.

Кай одамон ба дарки ҳамин ҳақиқати оддӣ мерасида бошанд?..

**Ӯктам ИБРОҲИМ.**

### Чоршанбеи ДЕҲНАВӢ

# ДУНЁИ БӮҚАЛАМУН

(Аввалаш дар саҳ.3).

Шайхалӣ мошинро дуртар аз тӯйхона боздошт ва Ҷобирро дар мошин гузошта, танҳо рафт. Баъд аз ҳаяле дар намуде баргашт, ки аз шодию ҳаяҷони ӯ осоре боқӣ намонда буд. Вай хомӯш омада, мошинро ақиб гардонд. Суръати мошин торафт тез шуда, дар пасту баландиҳо ҷаҳида-ҷаҳида мерафт.

– Оҳистатар, Шайхалӣ, оҳистатар.

– Гуфтаам омад, ҷӯра. Мустафо ҷорӯби одӣ нест, ки таги пойи ҳамаро баробар лесад. Вай қадри худро медонад. Ба ҷойи хурсанд шудан маро чунон насиҳат кард, ки...

– Аз Мустафо пурсидӣ? – сухани Шайхалиро бурид Ҷобир.

– Маҷбур шудам. Соҳибтӯй назди меҳмонҳо будааст... Маро нафаҳмид. Дар ҷойи он насиҳат кард. Соли амакат нагузаштааст, шунидаҳо чӣ мегӯянд, гуфта! Чаро мо ин қадар сохтакорем, Ҷобир, а? Дар асл банди ташвиши рӯзгору таҳлукаи зиндагиему чаро дар намуд мотамзада бошем? Чаро ғарқи талоши дунёиему шодию хурсандии хешро сир доштан мехоҳем?!

– Оҳистатар! Ба мошин ҷабр накун.

– Дар ҳамин лаҳза гиря кардан мехоҳам, Ҷобир, гиря кардан! Барои худ не, барои сохтагиҳо! Барои ниқобҳои ба пӯсти рӯ табдил ёфта. Барои хурсандиҳои бекадру ҳаяҷонҳои девонагӣ маънӣ гирифта!

– Оҳиста ҳай мекунӣ ё ...!

– Рост, оҳистатар ҳай кардан даркор. Мана. Мошин ҳам сабук кашид. Аммо ман чӣ? Худат чӣ? Ба ту ҳавасам меояд. Ту худатро дошта метавонӣ. Дар ҳар гуна вазъият. Ман не. Ҳамааш ба худаш монанд шавад мегӯям, – хурсандӣ ба хурсандӣ, ғусса ба ғусса! Ту бузургӣ, дӯстам, бузург! Поят накашид, ман маҷбур карда овардам. Ту ҳам ранҷидӣ. Гарчи зоҳир накунӣ ҳам, сахт ранҷидӣ... ҳеҷ боке не, ҷӯра. Муҳимаш, падар шудӣ. Бахудо, ки хурсандиам дар дилам намеғунҷад. Боз ҳам хурсандтар шудан мехостам. Саъдулло суруд мехонд, Раҳмат латифа мегуфт, ба ин чӣ мерасид?! Э-эъ, бе ҳамон оби зормонда ҳам хурсандӣ кардан мумкин буд-ку! Ҳамин қадар, ки дилам об хӯрд... ҳеҷ боке не, ҷӯра, муҳимаш, падар шудӣ. Ҳозир рост нazди янга меравем. Эҳ, калла! То арақ кофтана як даста гул ёбӣ намешуд?!

Шайхалӣ хомӯш монд. Намудаш торафт ҷиддитар гашта, дар андомаш аломатҳои ранҷ ва озурдагӣ бештар намоён мегашт.

– Бигузор нафаҳманд, – мегуфт гашта-баргашта, – муҳимаш, падар шудӣ...

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
*Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.*

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон тахти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-725. Адади нашр 5668, ҳаҷм 2 чузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.
Муҳаррири навбатдор: Г. Кабирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 00.30

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.